03 07 2019

**Чангхое, ки дар асри навин рух додаанду медиханд, ба якин, аз хамаи чангхои асрхои пешин дахшатноктару вахшатзотар буданду хоханд шуд. Ба иловаи ин, вакте терроризму экстремизм густариш меёбад, хар сокини сайёра дар гӯшаи бас амни кишвараш низ эхсоси хавфу хатар хохад намуд. Дар ин холу вазъи мураккаби чахон дигар умед ба зиндагии осоишта намемонад.**

Башар имрӯз хуб дарёфтааст, ки рохандозии сиёсатхои нодуруст, хирсу тамаъчӯӣ, кудратхохиву намоиши тавоноӣ, зулму ситад ба халокати инсонхои рӯи дунё ва махви кураи Замин оварда мерасонад.
Тамоми васоити ахбори омма дар чахон аз ин хусус менависанду мегӯянду намоиш медиханд, то садду монеи густаришашон бишаванд, аммо натичахои назаррас камтар ба даст меоянд. Дар тамоми китъахои олам, махсусан дар Осиёву Африко ва Аврупову Амрико, одамони бегунох кариб ба хар рӯз курбони чиноятхои террористӣ мегарданд. Дигар возеху ошкор мебошад ва наметавон пинхон кард, ки дар пушти ин амалхову чиноятхо кихо чой доранду чӣ мехоханд. Хеч харакату гурӯххои чангчӯву террористӣ бе пуштибониву дастгирии хочагони худ кореро ба анчом намерасонанд. Муаммохои зиёди сарбастаи нокушуда дар арсаи байналмилалӣ вучуд доранд, ки таърифи ягонаи «терроризм»-у «террорист»-ро душвор мегардонад. Ба таъкиди Сарвари давлат Эмомалӣ Рахмон «ин холат ба истифодаи меъёрхои дугона ва духӯрагиву гуногунфахмихо мусоидат карда истодааст».

Мавриди зикри махсус мебошад, ки Точикистон ба эътирофи маъруфтарин коршиносони сатхи байналмилалӣ бо сарварии Эмомалӣ Рахмон дар мубориза бо терроризму экстремизм фаъолу пешоханг аст. Президенти кишвар, бархак, чанд сол пештар чомеаи чахониро аз густаришу окибатхои фочиабори ин зухуроти номатлуб огох карда буданд. Абаркудратон бо неруву тавоноии сиёсиву иктисодиву харбиву фархангие, ки доштанд, он замон хавфу хатари терроризму экстремизмро камтар эхсос менамуданд. Баъдхо дарёфтанд, ки зарари кишвархои бузург аз ин зухуроти дахшатзо бузургтару бештар хохад буд.
То ба ханӯз рӯйпӯш кардан мехоханд, ки ин гурӯххову харакатхоро кихо тавлид ва дастгирӣ намудаанд. Ва хам аз чониби кадом хочагон тархxои муборизахои шадид кашида мешаванд. Барои мубориза бо терроризму экстремизм ва амалхои чиноятии

гурӯххову харакатхои террористиву экстремистӣ, аз чумла бояд пеши рохи гардиши гайриконунии маводи мухаддир ва суистифодаи низомхои молиявӣ гирифта шаванд. Инчунин, хамаи давлатхо бояд ухдадорихои худро дар ин росто ва халли мушкилоти мавчуда дар чахорчӯби хукуки байналмилалӣ ичро намоянд. Ин нукта дар Конфронси сатхи баланд тахти унвони «Хамкории байналмилалӣ ва минтакавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъхои маблаггузории он, аз чумла гардиши гайриконунии маводи мухаддир ва чиноятхои муташаккил», ки дар шахри Душанбе - пойтахти Чумхурии Точикистон баргузор гардид, таъкид шуд. Албатта, вакт собит хохад сохт, ки, махсусан, абаркудратон ва гурӯххои манфиатхох дар сатхи баланд то кадом андоза ин нуктахои мухимро ба инобат мегиранд ва дар амалисозии онхо ба хотири пешгирии густариши терроризму экстремизм мусоидат менамоянд.
Имрӯз терроризму экстремизм дар шаклхо ва либосхои гуногун зухур мекунад, ки нахуст барои мубориза бо онхо шинохташон бисёр зарур мебошад. Танхо дар ин сурат роху шевахои мубориза бо он самараи дилхох медихад. Сарвари давлат ба рахнамоии шахрвандони кишвар ва чомеаи чахонӣ дар ин маврид бархак иброз доштанд: «Мо бояд хамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислохгаро ё хубу бад чудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борхо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазхаб ва миллат надорад. Зухуроти терроризм ба суботу амнияти кураи Замин хавфу хатари бенихоят зиёд дорад».
Ба пиндори ин чониб химояи сархади афкору андешахо аз химояи ин сархад бо хама дарозиву пахноияш мураккабтар мебошад. Чунонки пештар зикр шуд, ин вабои аср имкони убури хар гуна сархадро пайдо карда ва роххову шевахои муборизаро дигар намудааст.
Ба иловаи ин, бо таъкиди Президенти кишвар «баъзе созмонхои байналмилалӣ аз чониби як катор доирахо ва давлатхову фондхо ошкоро маблаггузорӣ гардидани созмонхои террористиву ифротгаро, поймолшавии хукуки инсон, ахволи токатфарсо ва дар рохи мухочират дар бахрхо гарк шудани хазорон нафар гурезахо, аз чумла занону кӯдаконро нодида мегиранд».
Муайян гардидааст, ки мубориза бо ин зухуроти номатлубу дахшатзо фарохамоварии фазои эътимоду бовар, эхтироми манфиатхои хамдигар ва иттиходи хамаи кишвархои чахонро хостор мебошад. Хамзамон, мардум, хоса насли наврас ва чавонон бояд дуруст тарбия биёбанд ва зираку хушёр ба воя бирасанд.
Мо даврони муборизаи шадид бо ин зухуроти дахшатноку нафратоварро ханӯз  солхои аввали 90-уми асри гузашта, аз сар гузарондем. Даххо хазор талафоти чонӣ ва дигар амалхои тахрибкорона дар ин чанги шахрвандӣ ва солхои баъдӣ барои хар кадоми мо сабакест. Андак гафлат, ноогохӣ, ношукрӣ аз фазои ороми кишвар, сохибистиклолӣ ва манфиатчӯӣ дар ин мубориза бо шикаст рӯбарӯямон месозад. Мубориза бо ин зухурот вазифаву рисолати хар шахрванд махсуб меёбад, зеро аз ин хавфу хатар хеч кас дар амон буда наметавонад. Пештар хар нафар аз худ мепурсид, ки имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардааст. Холиё ба иловаи он бояд аз худ бипурсем, ки барои хифзу химояи амният, вахдати миллӣ, сулху субот, волоияти конун ва оромиву осудагии кишвари махбубамон ва мубориза бо зухуроти дахшатзо, садду монеи ин вабои аср чӣ кардем? Дар баробари пурсиш посухамон бо шинохти вазифа ва рисолати инсониву шахрвандӣ бояд мусбат бошад.

**Абдулкодири РАХИМ,**
**«Чумхурият»**